ГУЗОРИШИ МИЗИ МУДАВВАР БАХШИДА БА «РӮЗИ МОДАР» ТАҲТИ УНВОНИ «МОДАР –САРЧАШМАИ ҲАЁТ»

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 7 Март, 2023 - 13:29
Рӯзи 7-уми марти соли 2023 дар толори китобхонаи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар бахшида ба Рӯзи модар таҳти унвони «Модар – сарчашмаи ҳаёт» доир гардид. Мизи мудаввар бо роҳбарии бевоситаи раиси Кумита Олимҷон Муҳаммадҷонзода ва кормандони Кумита баргузор гардид.

Дар оғози мизи мудаввар раиси Кумита Олимҷон Муҳаммадҷонзода занону бонувони

Кумитаро ба Рӯзи модар ва дар симои онҳо тамоми бонувон ва модарони азизро ба ҷашни фархундаашон табрику таҳнИят гуфт. Аз ҷумла, зикр намуд, ки Зан – Модар сарчашмаи меҳру вафо олиҳаи ҳусн, чароғи зиндагӣ, мазҳари ҳусну зебоии олам, зеботарин фариштаи офаридаи илоҳист. Ҳамчунин, таваҷҷуҳ ва ғамхориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро нисбат ба Зан – Модар махсус таъкид намуд ва чунончи дар мавриди Модар фармудаанд: «Модар офарандаи ҳаёт, пайвандгари наслҳо, сарчашмаи меҳру муҳаббат ва нерубахши руҳу ҷон мебошад».

Ҳамчунин, дар кори мизи мудаввар муовини раиси Кумита Раҳматуллозода Сахидод, сардори шуъбаи танзими истилоҳоти Кумита Зулфрониён Раҳим, сардори шуъбаи ташкилию ҳуқуқии Кумита Сафаров Эраҷ суханронӣ намуда, занону модарони Кумита ва дар симои онҳо тамоми модаронро ба Рӯзи модар табрик гуфтанд. Дар фарҷоми кори мизи мудаввар аз тарафи Зулфрониён Раҳим қироати шеър дар васфи Зан –Модар шунида шуд.

Баҳодиҳии муҳтаво: 3

Баҳои миёна: 3 (2 овоз)

Rate

Категория:

- Ахбори рӯз [1]

•

•

•

•

•

•

Манбаъ::http://www.istilohot.tj/tg/content/guzorishi-mizi-mudavvar-bahshida-ba-ruzi-modar-takhti-unvoni-modar-sarchashmai-khayot?mini=2024-05

Пайвандҳо
[1] http://www.istilohot.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [2] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20230307_115810.jpg [3] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20230307_115850.jpg [4] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20230307_115939.jpg [5] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20230307_121036.jpg [6] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20230307_121430.jpg [7] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20230307_122916.jpg